## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).– Бохтар, 2025. – 211 с.**

Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд ба омӯзиши фаъолияти ҷалби занон ба кор дар истеҳсолот дар таърихи гендерии меҳнат ҳамеша муҳим буд ва боқӣ мемонад. Чунин вазъи гендерӣ дар захираҳои меҳнатӣ дар замони шуравӣ низ ҳалли худро наёфта монда буд. Барои равшан намудани ин масъала мо таърихи пурраи онро дар гузашта ва дар давраи оғози воқеии ташаккули он бояд донем.

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Муҳиммияти диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар он таҷассум меёбад, ки гарчанде паҳлуҳои мавзуъ дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошанд ҳам, аммо то ҳол таҳқиқоти илмии мустақил ва фарогир оид ба «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» анҷом наёфтааст. Бинобар ин омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи мазкур дар илми таърихи ватанӣ бамаврид дониста мешавад.

Маҳз набудани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи диссертатсионӣ дар ин самт аҳаммияти илмию амалии мавзуъро бештар намуда, зарурияти омӯзиши амиқи ин масъаларо ба миён мегузорад. Диссертант дар асоси таҳлили мукаммал нақши Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварзро шарҳ додааст.

Мубрамии мавзуи пажуҳишии мавриди назар боз бар он асос меёбад, ки дар рисола 1) масъалаи занон дар Тоҷикистон то соли 1924 дар ҳайати Русияи Шуравӣ, ҶМШС Туркистон, ҶХШ Бухоро ва ИҶШС баррасӣ мегардид таҳлил гардидааст; 2) масъалаи занон яке аз масъалаҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷии ИҶШС буд дар алоҳидагӣ таҳқиқ карда шудааст; 3) аз ин ру, тамоми иттилооти дар бораи занони Тоҷикистон (1917 - 1937) мавҷударо ба гуруҳҳое ҷудо кардан мумкин аст, ки дар онҳо масъалаи занон чун масъалаи умумии мамлакат (Русияи Шуравӣ, Федератсияи Русия, ИҶШС), минтақаҳои мушаххас (Осиёи Миёна, Туркистон, Бухоро, Ӯзбекистон) ва Тоҷикистон баррасӣ мегардид; 4) масъалаи занон дар ИҶШС ҳанӯз дар рафти татбиқи сиёсати баробарҳуқуқии занон бо мардон мавзуи омӯзиши илмӣ гардид; 5) Дар солҳои 20 – 70 -уми асри ХХ, асарҳое таълиф карда шуданд, ки дар онҳо масъалаҳои марбут ба шароити кор ва маишати занон мавриди баррасӣ қарор меёфтанд; 6) дар Шарқи Шуравӣ бораи ҳуқуқи занон ва ҷалби онҳо ба кор солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ мубоҳисаи калон сар зада буд; 7) Дар Тоҷикистон масъалаи занон дар рафти барқарорсозии Ҳокимияти Шуравӣ ба вуҷуд омад; 8) рушди ҳаёти маданӣ–маишии коргарзанон ва занони кишоварзи назди КИМ-и Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Пешниҳод гардидани диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри ХХ» ба ҳимоя, худ далели равшани таваҷҷуҳи афзояндаи муҳаққиқону донишмандон ба ин мавзуи муҳим мебошад. Маҳз таваҷҷуҳи илман асоснок ба ин мавзуъ, ки дар доираи он паҳлуҳои то ҳол камомӯхташуда таҳлил шудаанд, зарурати омӯзиши амиқи онро дар илми таърихи ватанӣ таъйид менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навоварии асосии ин таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ, масъалаи вазъи занон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ пурра месозад, бо истифода аз доираи васеи сарчашмаҳои бойгонии муътамад ва адабиёти илмии марбута мавриди таҳқиқи амиқ ва таҳлили ҷиддии таърихӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои бадастомада бар пояи ҷанбаҳои зерин таҳлили илмӣ ёфтаанд:

1. Яке аз ташкилоти занон – Комиссия ва Комитет оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишати меҳнаткашзанон ва коргарзанони Тоҷикистон омӯхта мешавад;

2. Таърихи раванд ва рушди КБММ-и ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст;

3. Фаъолияти серпаҳлӯи КБММ оид ба ҷалби занон ба тарзи фаъоли ҳаёт пайгири карда шудааст;

4. Ҳамкориҳои шохаҳои ҳокимият ва сохторҳои ҳокимият дар ҳалли масъалаҳои иқтидорӣ занон дар ҷомеа таҳлил гардидааст;

5. самтҳои алоҳидаи фаъолияти КМБММ оид ба масъалаҳои иҷтимоии маишат ва меҳнати занон мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст;

6. нақши занон дар сохторҳои иҷтимоии ҷомеа ошкор карда шудааст;

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта** бо истифодаи васеи назарияҳои олимону коршиносони ватанию хориҷӣ ва такя ба манбаъҳои муътамад асоснок мегардад. Дараҷаи баланди эътимоднокӣ аз асоснокии маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, фарогирии сарчашмаҳои гуногун, таҳлили муқоисавӣ ва татбиқи методҳои муосири таҳқиқотӣ бармеояд. Дар асоси таҳлили дақиқу саҳеҳ ва омӯзишу таҳлили илмии далелнок хулосаҳои мушаххас бароварда, дар бахши тавсияҳо, ки аз 7 банд иборат аст, имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълиму тадрис ва таҳқиқоти минбаъда пешниҳод шудаанд.

Унвонҷӯ бо истифода аз методҳои таҳлилӣ ва муқоисавии муосир вазъи Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX-ро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии онро таҳлил намудааст.

**Аҳаммияти назарии** таҳқиқоти диссертатсионии Файззода Рамазон Хурсанд дар таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мавзуи рисола таҷассум меёбад. Арзиши илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он на танҳо холигии илмии мавҷударо пурра менамояд, балки барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти таърихӣ дар илми таърихи ватанӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

Коркарди назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба принсипҳои таҳлили таърихӣ асос ёфта, имконият медиҳад, ки фаъолияти КБММКЗ

ва ташкилоти поёнии он дар ҷалби занон ба тарзи фаъоли ҳаёт ва ба ҳадди имкон баён кардани роҳу усулҳои ҷалбкунӣ.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд минбаъд, дар ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, ба амал баровардани шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар шароити муосир, таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва фаъолияти амалии ниҳодҳои марбута мавриди истифода қарор гиранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд аз қисматҳои зерин иборат аст: номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб бо зербобҳои марбут, хулоса, тавсияҳо оид ба татбиқи амалӣи натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт. Ҳаҷми умумии рисола 211 саҳифаи чопшудаи компютерӣ мебошад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамии мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи таҳқиқи он, объект ва мақсади таҳқиқ, инчунин вазифаҳои асосии тадқиқот дар якҷоягӣ бо асосҳои методологӣ ва назариявӣ, муқарраротиi асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаб ва сохтори рисола муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Ташкил ва оғози фаъолияти рушди КБММКЗ назди раёсати ҶШС Тоҷикистон**» аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби якум «**Ташкил, сохтор ва соҳаи фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)**» раванди созмондиҳӣ ва фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия «**Робитаи КБММКЗ бо муассисаҳои дигари хизматрасонандаи меҳнат ва маишати занон**» робитаи Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз бо дигар муассисаҳои марбута инъикос ёфтааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Нақш ва фаъолияти КБММ-и коргарзанон ва занони кишоварз дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX**» ном дошта аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби дуюми диссертатсия «**Фаъолияти КБММ коргарзанон ва занони кишоварз оид ба хизматрасониҳои меҳнати занон зимни корҳои кишоварзӣ**» фаъолияти кумитаи мазкур оид ба хизматрасониҳои меҳнати занон зимни корҳои кишоварзӣ таҳлил гардидааст.

Ҳамин тариқ, аз матни пешниҳоднамудаи мо бармеояд, ки Раёсати КИМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъсиси ташкилоти махсуси ба

истеҳсолот ҷалб намудани занҳо бо таъсиси ташкилот не, бо ташкили роҳҳои ба меҳнати занҳо мусоидат карда буд: яслиҳою боғчаҳои кӯдакони мавсимӣ ва худи шароити меҳнати занон бо таваҷҷуҳу иқтисодиёт таъмин карда шуда буданд.

Аз тарафи дигар ҳукумати Тоҷикистон зарурати ҷалби занонро ба меҳнати фаъоли ҷамъиятӣ дарк намуда сохтореро бунёдгузорӣ кард ва роҳнамоӣ намуд, ки ба иҷрои накшаҳои оянда-бунёди ҷомеаи иҷтимоӣ такягоҳ гардид.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия «**Нақши КБММ коргарзанон ва занони кишоварз дар омодасозии кадрҳо аз ҳисоби занон**» нақши кумитаи мазкур дар раванди тайёр кардани кадрҳо аз ҳисоби занон баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия омадааст, ки Ҳокимияти Шуравӣ қувваи кории занонро қувваи иқтидории ёридиҳанда ва ҳатмӣ дар сохтмони сохти сотсиалистӣ меҳисобид. Аммо анъанаи хурофотии динӣ истифодаи ин қувваро мушкил мегардонид. Занони маҳаллии Тоҷикистонро пеш аз ҳама, барои дар байни омма зистан, касб интихобот кардан, дар ҷомеа муошират намуданро бояд меомӯхтанд. Барои ин на танҳо бо занон, балки бо волидайну шавҳарони онҳо кор бурдан лозим буд.

Таҷрибаи даврони Шуравӣ нишон дод, ки ҳатто зимни муяссар гардидан ба ин бо сабабҳои объективӣ он камсамар буд. Барои аз ин вазъият баромадан сиёсати расмиро оид ба озодкунии занон гузаронидан лозим меомад.

Боби сеюми диссертатсия **«Раёсати КБММ оид ба ҷалби занон ба фаъолияти муфиди ҷамъиятӣ ва ҳаёти маданӣ дар ҷумҳурӣ»** низ аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм «**Фаъоилияти КБММКЗ оид ба корҳои маданӣ - маишӣ байни коргарзанон**» фаъолияти кумитаи мазкур дар самти корҳои маданӣ-маишии занон баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия «**Нақшаи доир кардани маъракаи 8-уми март дар фаъолгардонии ҳаёти ҷамъиятӣ сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании занон**» нақши таҷлили иди занон дар фаъолгардонии ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании занон инъикос гардидааст.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки дар Осиёи Миёна ҳанӯз аз соли 1910 аҳолии русзабони Туркистон рӯзи 8-уми мартро чун рӯзи байналхалқии занон қайд мекард. Аммо чун иди 8-уми мартро танҳо аз

соли 1917 баъд аз ғалабаи Инқилоби Октябр ҷашн мегирифтагӣ шуданд. Иди 8-уми март дар муассисаҳои истеҳсолӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ бо маҷлисҳои тантанавӣ ҳамроҳ гардид, ки дар онҳо баромадкунандагон дар ҳаққи занону модарон суханони нек мегуфтанд, туҳфаҳо медоданд, мизи идона ташкил мекарданд ва амсоли инҳо.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои муҳимми илмӣ ва пешниҳодҳои амалии муаллиф оид ба вазъи Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX пешниҳод шудаанд. Муаллиф, дар асоси таҳлили амиқи манбаъҳои таърихӣ ва далелҳои оморӣ, якчанд хулосаҳои илмӣ пешниҳод менамояд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти КМБММКЗ-и назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон дар татбиқи сохтмони сотсиалистӣ дар маҷмуъ (гузориш аз феодализм ба сотсиализм, ки дар татбиқи он меҳнаткашон ва хусусан занон нақши калон бозиданд), муҳим буд. Занони Тоҷикистон дар воқеъ, созандагони фаъоли ҷамияти нав буданд. Ин натиҷаҳо метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар самти илми таърихи ватанӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқикро метавонанд олимони соҳаи таърих, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, ва мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ҳангоми фаъолияти илмӣ-таҳқикотӣ ва амалӣ мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд. Маводи таҳқиқии диссертатсияро метавон, дар рафти навиштани монография ва асарҳои илмӣ оид ба таърихи Ҷалби занон ба кор дар истеҳсолот дар таърихи гендерии меҳнат, инчунин метавон дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ натиҷаҳои муҳим ва мазмуни асосии диссертатсияи худро дар маҷмуъ дар 7 мақолаи илмӣ ба нашр расондааст. Аз шумораи умумӣ, 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Маводи нашршуда паҳлуҳои муҳимми мавзуъро фаро гирифта, саҳми мустақили диссертантро дар таҳқиқоти илмӣ собит месозанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Мавзуи диссертатсия бо истифода аз манбаъҳои илмии ҷойдошта ва таҳлилҳои амиқ таҳқиқ гардида, натиҷаҳои мукаммал ва дақиқ пешниҳод шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, кори диссертатсионии мавриди таҳқиқ аз баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳо низ холӣ нест, ки бартарафсозии онҳо метавонад ба такмили минбаъдаи мавзуъ ва амиқтар гардидани таҳқиқот мусоидат намояд:

1. Дар қисмати муқаддима, дар дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ масъалаи амалӣ ва назариявии ҷалби занон ба кор зикр гардидааст, ки таълифоти эшон ба мавзуи мазкур кам таваҷуҳ намудааст;

2. Боби якуми диссертатсия аз доираи хронологии таҳқиқот берун аст;

3. Зербоби 2-юми боби сеюми диссертатсия «Нақшаи доир кардани маъракаи 8-уми март дар фаъолгардонии ҳаёти ҷамъиятӣ сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании занон» номгузорӣ шудааст, ки дар он каме костагӣ ба назар мерасад. Тавсия медиҳам, ки номи зербоби мазкур ба «Ҳаёти фарҳангӣ ва фароғатии занони кишоварзи назди раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон» иваз карда шавад;

4. Хуб мешуд вазъи ҷалби занон дар соҳаи маориф дар як зербоби алоҳида таҳқиқ мегардид;

5. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, ислоҳпазир мебошанд ва ба мазмуну мундариҷаи илмию амалии кори диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. Тавре ки қайд гардид, камбудиҳои мавҷуда метавонанд бо ворид намудани якчанд ислоҳоти хурд дар таҳлили баъзе мавзуъҳо ё афзоиши гуногунрангии манбаъҳо ислоҳ шаванд.

Автореферат ва мақолаҳои илмие, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба нашр расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, самтҳои муҳими таҳқиқро ба таври дақиқ ва фаҳмо дарбар мегиранд. Кори диссертатсионии мазкур аз лиҳози муҳтаво, методология ва доираи масъалагузорӣ комилан ба шиносномаи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат дошта, ҷавобгӯи талаботи мавҷуда мебошад.

Коркарди амалии натиҷаҳо ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри ХХ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, и.в.дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**
**Суроға:734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ121,**
**E-mail: matlubaganjakova @mail.ru.**
**тел. (+992) 934 51 55 60**

**Имзои номзади илмҳои таърих М. Г. Ганҷаковаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода Абдулкарим**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С. АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС